**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Ман ба сифати профессори факултаи PR ва менеҷменти Донишгоҳи журналистика ва мухобироти оммавии Ӯзбекистон шараф дорам, ки бо довталаби дараҷаи илмӣ Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода иртиботи ҳасана ва хуби ҳамкорӣ барқарор намудем. Мавсуф мунтазам барои довталабони дараҷаҳои илмӣ аз донишгоҳи мо ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тақриз навишта, баҳои холисона ва воқеъбинони медиҳад. Бо эътимод метавонам гуфт, ки дар муҳити илмии кишвари мо ном ва баҳои Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода ба диссертатсияҳо мавқеи шоиста дорад.

Автореферати диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» ҷолиби омӯзанда аст.

Зимнан, бояд гуфт, ки тибқи автореферат, диссертатсияи мазкур сохтори хуб дошта, довталаби дараҷаи илмӣ аз ухдаи ҳалли ҳамаи масъалаҳои зикршуда баромадааст ва дар ин замина, саҳми роҳбари илмиаш академик Имомзода М.С. мусбат маънидод карда мешавад.

Довлабати дараҷаи илмӣ ду маротиба тариқи маҷозӣ дар конфронсҳои байналмилалии кишвари мо – «Медиасистема ва образи Ӯзбекистон дар ҷаҳони маҷозӣ» (Тошканд, 22.12.2020) ва «Тамоюли рушди фаъолияти ВЭА-и муосир» (Тошканд, 22.11.2023) иштирок намуда, худро ҳамчун олими пуркор муаррифӣ кардааст.

Дар ҳақиқат, дар робита ба мавзуи ВАО-и корпоративӣ дар кишварҳои гуногуни ИДМ корҳои таҳқиқотӣ анҷом шуда бошанд ҳам, дар шакли диссертатсияи докторӣ ин масъала бори аввал дар Тоҷикистон ва муҳити илмии он матраҳ мегардад.

Хушоянд аст, ки дар таҳқиқоти илмии худ Ҳамидиён И. И. мисолҳоро на танҳо аз Тоҷикистон, балки аз кишварҳои ҳамсояи низ васеъ истифода мебарад ва ин амал аз воқиф будани довталаби дараҷаи илмӣ шаҳодат медиҳад.

Кори диссертатсионии Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода ба таҳқиқи вижагиҳои масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамои воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Аз автореферати пешниҳодшуда маълум мегардад, ки дар шакли таҳқиқи диссертатсионӣ бори аввал ВАО-и корпоративии Тоҷикистон ҳамчун яке аз навъҳои журналистика мавриди омӯзиш, таҳлил ва баррасӣ қарор дода мешаванд.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллиф қобили таваҷҷуҳ ҳастанд ва баҳси нави илмиро ба вуҷуд меоранд.

Кори диссертатсионӣ барои дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пурра мувофиқат менамояд.

Дар кори диссертатсионӣ аввалин маротиба таҷрибаи нашри ВАО-и корпоративӣ омӯхта шуда, аз нигоҳи интиқодӣ асоснок гардидаанд. Жанрҳои истифодашуда ва мавзуи маводи чопшуда таҳқиқ шуда, ҷанбаҳои мушаххаси реклама ва матни PR дар ВАО-и корпоративии Тоҷикистон муайян ва коркард гардидаанд.

Аз лиҳози тартиб кори диссертатсионӣ ва автореферати он ба талаботи пешниҳодкарда мувофиқат мекунад.

Бо вуҷуд ин, дида мешавад, ки дар автореферат таҳлил маҷмӯӣ ва гоҳе фаррох сурат гирифта, ба сифати предмети таҳқиқ вижагиҳои ташаккул ва рушди ВАО-и корпоративӣ ҳамчун як навъи рушдёбандаи журналистика ва механизмҳои татбиқи вижагиҳои мазкур дар доираи консепсияҳои муҳобиротии ВАО баррасӣ шудаанд. Ин камбудӣ бояд барои идомаи минбаъдаи таҳқиқ ба инобат гирифта шавад.

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ аз нигоҳи сохтор, мундарича, муҳтаво ва мазмун дуруст тахия шуда, моҳияти асосии кори диссертатсиониро фаро мегирад.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» таҳқиқи анҷомёфта буда, муаллифи он сазовори дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

**Қосимова Наргис Суннат қизи,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессори**
**факултаи PR ва менеҷменти Донишгоҳи**
**журналистика ва муҳобироти оммавии Ӯзбекистон**
*07.02.2025 с.*

XODIMLAR BO'LIMI

**Суроға:** 100145, Ӯзбекистон,
ш.Ташканд, ноҳияи Алмазор, Сағбан тупик 30, 12-108
**Тамос:** (+998 93) 534-26-34
**E-mail:** n.qosimova2012@yandex.com

*"Имзои Қосимова Н.С.-ро тасдиқ мекунам"*
Сардори шуъбаи кадр
*07.02.2025 с.*

XODIMLAR BO'LIMI

**Суроға:** 100147, Ӯзбекистон,
ш.Ташканд, к. Массив Киёт, С 5, х. 88
**Тамос:** (+998 71) 207-09-06
**E-mail:** info@jmcu.uz
**Сомона:** https://uzjoku.uz/ru